ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло «Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Сухроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)», ки барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900-Шарқшиносӣ (6D020902-адабиёти форсӣ) (Душанбе – 2022, 193 саҳ.) пешниҳод шудааст.

Ҷараёни инкишофу пешрафти таърих гувоҳ бар ин аст, ки маъмулан вуқуи падидаҳои бузургу муҳимми сиёсӣ-ичтимоӣ дар таҳаввулу дигаргунии адабиёт, ки дар сатҳи андешагии ҷомеа қарор дорад, таъсиргузор мегарданд. Вобаста ба ин, гуфтан ҷоиз аст, ки дар адабиёти муосири Эрон муҳимтарин таҳаввулу дигаргуниҳо бар асари таҳаввулу инқилоботи сиёсӣ-ичтимоӣ ба зуҳур расидаанд, ки мисолашро метавон дар диссертатсияи Абдусаломзода А.М. радёбӣ намуд. Ҳарчанд диссертатсия ба таҳқиқи шебу фарози масъалаи манзумасароӣ ихтисос дорад, аммо решашиносии мавзуъ ба ҳаводису дигаргуниҳои сиёсие гирех мехӯрад, ки дар матни замон ба вуқуъ пайваста, боиси таҳаввули адабиёт шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва хулосаву рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар қисмати муқаддима муаллиф роҷеъ ба мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дарачаи омӯхта шудани мавзуъ, ҳадаф, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, мавзуъ ва масъалаҳои дарпешгузошта, усулҳои интихобнамуда, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот ва дигар нукоти дар кори илмии муосир аҳамиятдошта сухан ронда, муҳиммияти пажӯҳиши худро кушода тавонистааст.

Боби авали рисола ба баррасии нақши Нимо Юшиҷ дар амри тағйиру таҳаввули шеъри форсӣ ҷудо шуда, ки фарогири се зерфасл мебошад.

Муаллиф дар зерфасли аввал ба вазъияти Эрон дар ибтидои қарни XX ва махсусан падид омадани Инқилоби Машрутаву таъсири он дар

таҳаввули шеъру адаб форсӣ иттилоъ додааст. Хотирнишон гардидаст, ки дар солҳои нахустини инқилоб дар матни ашъори аксари шоирон тозагиҳое дар заминаи мазмуну муҳтаво, таркибу ибораҳо пайдо шуда буд, аммо қолабҳо ё жанрҳои шеърӣ анқариб бетағйир монда буданд, вале баъдтар инқилоб ба пайкари шеър таъсири қобили мулоҳизае ворид сохт ва шеъру шоирро ба сурате барои навгароиву таҷаддуд моил сохт. Дар ин бахш ҳамчунин сайри кутоҳе перомуни кӯшишҳои шоироне сурат гирифта, ки дар тули таърихи адабиёт бо дарки пешрафту камоли ҳунарӣ хостаанд тағйире дар сурату муҳтавои шеър ворид созанд.

Масъалаи дигаре, ки дар диссертатсия атрофаш изҳори назар шудааст, мавзуи заминаҳои зуҳури шеъри нав ва таъсирпазирии шоирон аз равандҳои тозаи адабиёти ҷаҳон аст. Диссертант бар ин назар аст, ки дар пайдоишу шаклгирии шеъри нави Эрон нақши адабиёти туркӣ ва фарҳангу адаби мағрибзамин, бахусус Фаронса, бисёр аҳамиятнок аст. Муаллиф таъкид кардааст, ки ҳарчанд Ниморо ҳамчун асосгузори ҷараёни «шеъри нав» шинохтаанд, вале то зуҳури ӯ адибони дигаре ба ин ибтикорот даст задаанд, ки намунааш Тақӣ Рафъат, Ҷ. Хоманайӣ, Шамс Касмоӣ, А. Лоҳутӣ мебошанд.

Зерфасли дуюми боби аввал «Нимо – шоири манзумасаро» ном дошта, дар он перомуни манзумаҳои суннатӣ ва манзумаҳои навпардозонаи Нимо сухан рафтааст. Қайд шуда, ки дар тули солҳо мавзуи Нимо ва мактаби вай, мухтассоту барчастагиҳои сабк ва андешаҳои назарияш дар дохилу хориҷи Эрон мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Диссертант таъкид медорад, ки танҳо манзумаҳои ӯ ва нақши онҳо дар тағйири шеваҳои манзумасароӣ аз мадди назари муҳаққиқон як андоза дур мондааст.

Нахустин манзумаи Нимо «Қиссаи ранги парида, хуни сард» мебошад, ки ҳарчанд бар асоси қонунҳову талаботи арузи суннатӣ иншо шудааст, аммо дар қиёс бо дигар манзумаҳои суннатӣ тафовутҳои зиёде дорад. Аз ҷумла, забони дарҳӯри замон, тарҳу тавсифи матолибе, ки то

замони Нимо ҳаргиз дар қолаби маснавӣ матраҳ нагардида буданд, аз ин зумрааند. Ба андешаи муҳаққиқ, шоир нахустин бор ҷомеаи хешро ба масоили асосиву мазоҳири барҷастааш дар ин қолаби кухани шеъри форсӣ ҷойгузин месозад.

Аз сӯи дигар, аз хулосаҳои диссертант бармеояд, ки мақсади Нимо бо таълифи ин манзума манзур сохтани истеъдоду ҳунараш дар халоққияти шеъри суннатист, ҳарчанд иддае бар он назар буданд ва даъво доштанд, ки иллати гироиши ӯ ба шеваи нав заъф ва нотавонии ӯ дар эҷоди шеъри суннатист.

Дар зерфасли баъдӣ манзумаи «Афсона»-и Нимо мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Албатта, перомуни ин асар дар адабиётшиносии форсӣ пажӯҳишҳои зиёде анҷом шудааст, ки шарҳи мукаммали онҳо дар зерфасл омадааст. «Афсона»-ро дар таърихи шеъри муосир фасли оғоз, шуруи тоза тонистаанд, ки дар ин бахши кор диссертант ба барҷастагиҳои он ишорат кардааст.

Тибқи андешаи муаллиф, ҳадафи шоир дар ин манзумаи романтикӣ дарёфт ва хостагирии забони хосест, ки посухгӯи ниёзҳои замон ва қобили дарки мухотабон бошад. Нимо дар ин манзума ба дунёву раванди ҳастӣ, ба табиату зебоиҳои он, пайванди табиату инсон ба ҳамдигар ва амсоли инҳо аз зовияи дигар менигарад. Манзума фазои хоси равонӣ дорад, ки мухотабонашро таҳти таъсир қарор медиҳад. «Афсона» ҳарчанд дар баҳри мутадорик гуфта шудааст, вале аз нигоҳи сурат ё сохтор аз манзумаҳои суннатӣ фарқ мекунад, манзума аз бандҳои панҷмисраии мусамматгуна иборат буда, дар он мисраи панҷум ҳамчун мисраи ҷамъбастакунанда ва бидуни қофия омадааст.

Худи Нимо бо мақсади он ки мухотабон шеваи нигориши ӯро дарк созанд, зимни чопи нахустини манзума ба он муқаддимаи муфассале навишта буд.

Манзумаи «Мурғи омин» зерфасли сеюми боби аввал аст, ки дар доираи он маъруфтарин манзумаи шоир, яъне «Мурғи омин» ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Бар асоси пажӯҳишҳое, ки докторант анҷом

додааст, дар девони шоир мурғон ҷойгоҳи хосе доранд. Бахше мурғони тамсиливу асотирӣ, хаёлӣ мебошанд ва гурӯҳе вуҷуди воқеӣ доранд. Вобаста ба мавзуи матруҳа шоир аз образи ҳар яке ба гунаҳои мухталиф истифода намудааст. Манзумаи «Мурғи омин» ҷанбаи тамсилӣ дорад. Образи мурғи омин бо ҷомеаи шоир пайванди ногусастанӣ дорад, ки тафсираш дар диссертатсия омадааст. Пажӯҳишу таҳқиқ диссертантро ба чунин хулоса овардааст, ки муҳимтарин матлабе, ки дар манзума ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, диду идроки тозаи шоир, дар бозтоби масоили мавриди назар аст.

Ҷанбаи дигар мустақилияти шоир дар баёну изҳори андешаҳои инфиродист. Дар маҷмуъ, бояд таъкид варзид, ки назари ичтимоиву интиқодӣ дар баробари ҷомеа дар манзума бисёр маҳсус аст.

Диссертант дар боби дуюми рисола интихобан манзумаҳои пайравони мактаби Ниморо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додаст. Албатта, дар адабиёти муосири Эрон шоироне, ки бо таъсирпазирӣ аз сабку салиқаи Нимо манзума офаридаанд, зиёданд, вале унвонҷӯ ба манзумаҳои шоироне такя намудааст, ки беш аз дигарон ба шоир пайванду наздикӣ доштаанд. Яке аз шоирон С. Касроӣ мебошад, ки ба ақидаи муҳаққиқ нахустин манзумаро бо арузи нимоӣ бо номи «Ораши камонгир» таълиф намудааст.

«Ораши камонгир» бо баҳрагирӣ аз арузи нимоӣ таълиф шуда, аз бандҳои зиёде таркиб ёфтааст. Бо он ки дар ҳар банди ин асар матлаби алоҳидае тавсифу баён шудааст, аксари мунтақидон манзумаро асари ҳамосӣ номидаанд. Асоси достонро устураи Ораш, ки васфаш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва дигар сарчашмаҳои асотирӣ омадааст, ташкил медиҳад. Унвонҷӯ бо шумори ҷойгоҳу густурдаи устураи Ораш нахуст, сайру такомули онро дар адаби форсӣ ба баррасӣ кашида, сипас, тарҳу баёни онро дар манзумаи Касроӣ дида мебарояд. Манзума аз лиҳози зебошинохтӣ, тарҳи ҳунарии дарунмояҳо, қаробати забони баёни он бо забони муосир дар сатҳи гуфторӣ ва дигар ҷанбаҳо таҳлилу таҳқиқи вижаи худро ёфтааст. Муҳаққиқ махсусан ба ҷанбаи анвои

гуногуни мусиқоии манзума, корбурди ғайримаъмули қофияҳо таваҷҷуҳи хос намудааст, ки бисёр донишмандона ва арзишманд аст.

Муҳимтарин вижагии манзума дар он зоҳир мегардад, ки дар он идеяи Нимо дар хусуси нерумандсозии муколама дар шеър таҳаққуқ пайдо мекунад. Тавре ки диссертант изҳор медорад, «монологи Ораш» бахши асли манзумаро таҷассум менамояд, фазои хитобии онро пураҳаммияту таъсиргузор месозад.

Ин мухтассот «манзумаро аз нигоҳи омӯзиши расоии сухан ва истеъдод, аз тавоноиҳои садоиву баҳра бурдан аз ҷанбаҳои намоишӣ бисёр муносиб месозад» (дисс. 85).

Зерфасли дигари боби дуюм ба манзумаи «Муҳраи сурх»-и С. Касроӣ ихтисос дорад. Манзумаи мазкур охирин асари калонҳаҷми шоир аст, ки дар солҳои поёнии зиндагии шоир, дар ғурбат, иншо шудааст. Аз андешаҳои муаллиф бармеояд, ки Касроӣ бо бозофаринии достони «Рустаму Суҳроб»-и Фирдавсӣ қасд доштааст, ки сарнавишти дардангезу малолбори хешро манзур намояд. Аз иштибоҳу хатоҳои хеш, ки мисли Суҳроб дар ҷавонӣ содир намуда буд, лаб боз кунад, то ояндагон ба иштибоҳ мувоҷеҳ нашаванд. Манзума мисли «Ораши камонгир» бо риояти арузи нимоӣ, бидуни риояти тасовии мисраъҳо, ва бо доштани бандҳои зиёд таълиф шудааст.

Дар ҳар банде тасвирҳои ҷаззоб, фазои равонии қаҳрамонону дунёи даруни онҳоро боз месозад. Дар манзума устура, ривоят ва боварҳои мардумӣ бо маҳорату чирадастии хосе корбурд шудааст.

Дар зерфасли баъдӣ манзумаҳои шоири муосир, яке аз пайравони мактаби Нимо – Суҳроби Сипеҳрӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Бояд зикр намуд, ки ҳарчанд С. Сипеҳрӣ бо пайравӣ аз сабку шеваи нигорандагии Нимо по ба арсаи шеъру шоирӣ гузошт, вале баъдҳо роҳи мустақилу сабки хоси худро пайдо намуд, ки дар адабиётшиносӣ онро сабки фавқунимоӣ хондаанд. Диссертант зимни таҳқиқ талош намудааст, ҷузъиёти ҳунари офаринандагии шоирро ба намоиш гузорад.

Дар девони шоир манзумаҳо зиёданд, вале манзумаҳое, ки номи шоирро ба авҷи шуҳрат расондаанд, «Садои пойи об» ва «Мусофир» мебошанд, ки ба сифати сарчашма ва маводи таҳқиқ баргузида шудаанд. Тарзи кори Нимо дар ин манзумаҳо маҳсус аст, ҳарчанд тарҳи масъала, шеваи ҷаҳоннигарӣ, биниши шоирона, низоми фикрӣ ва монанди инҳо мутафовит бошанд ҳам. Сипеҳрӣ манзумаҳоро бар асоси бандҳо сохтааст, вале унвонҷӯ бо такя ба назаргоҳҳои нокидони шеъри вай таъкид менамояд, ки дар адабиёти муосири Эрон бо чунин сурату шакле манзума сароидан собиқа надорад. Сипеҳрӣ то ҷое ба арузи нимоӣ такявар аст, вале гоҳҳо аз он ҳам сарфи назар мекунад ва бештар аз рехту инсиҷоми вожагон кор мегирад. Калимотро ба гунае канори ҳам мегузорад, ки меъмории шигифте падид меояд.

Диссертант бар ин назар аст, ки «С. Сипеҳрӣ дар манзумаи «Садои пайи об» дар маҷмуъ ҳадафи бузурги Нимо Юшиҷро дар заминаи таҳаққуқи навовариву таҷаддуд дар офариниши шеър, наздик сохтани шеър ба табиати забон камол бахшид» (дисс. 137).

Бояд ёдовар шуд, ки дар ин зерфасл манзумаи «Мусофир» низ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муҳаққиқ бо такя ба ковишҳои анҷомшуда дар атрофи «Мусофир» боварманд аст, ки манзумаи дуюм аз нигоҳи бинишу ҷанбаҳои ҳунарӣ, ҷаҳоннигарӣ нерумандтар аз «Садои пайи об» аст. Шоир дар ин асар дорои низоми хоси фикрӣ буда, забонаш ва шеваи баёнаш нисбатан мураккабтар аст.

Яке аз вижагиҳои асосии манзума тарҳу баррасии масоиле мебошад, ки ба зиндагии инсонӣ, табиат ва пайванди он бо ҳастии инсон гиреҳ меҳӯранд.

«Мактаби ҳунарии Нимо ва шеъри муосири тоҷик» унвони боби сеюми диссертатсия мебошад, ки аз чаҳор зерфасл иборат аст.

Дар зерфасли нахустин перомуни сабабҳои зуҳуру густариши шеъри нав дар адабиёти муосири тоҷик сухан меравад. Ҳамзамон, хотирнишон гардидааст, ки махсусан дар солҳои шастуми асри гузашта як ҷаҳиши сифатӣ дар адабиёти муосир ба вуҷуд омад, яъне як навъ бознигарии

роҳи тайшуда, доштаҳои адабиву фарҳангӣ сурат гирифт, ки ин сабабҳои зиёде дошт.

Яке аз сабабҳои ин тағйиру дигаргунӣ вуруди насли наве аз нависандагону шоирон буд, ки мехостанд дар ҳарими адабиёт, шеваҳои эҷод тағйиру таҳаввуле анҷом диҳанд. Сабаби дигар бастагӣ ба шинохту мутолиоти аҳли адаб ба адабиёту фарҳанги ҷаҳон дорад.

Сабаби дигари пешрафту густариши шеъри нав дар адабиёти тоҷик, ба ақидаи пажӯҳанда, ошноӣ бо шеъри муосири Эрон ва баргузории Симпозиуми байналмилалии шеъри форсизабонон аст, ки соли 1968 дар Душанбе ба вуқуъ пайваста буд.

Дар зерфасли дуюми боби савум роҷеъ ба мақолоту таълифоте сухан рафтааст, ки дар давраи мавриди назар аз ҷониби нокидону адабиётшиносон атрофи шеъру ҷараёнҳои тозаи он навишта шудааанд. Яке аз масъалаҳои ҷолиб дар мақолоти адабпажӯҳон таъйини маъниву тафсири мафҳуми шеъри нав ва вижагиҳои он аст. Ҳамчунин, дар ин бахш муҳаққиқ ҷараёни таҳқиқу омӯзиши масоили марбут ба шеъри навро то солҳои охир мавриди бознигариву таҳқиқ қарор додааст.

«Маснавӣ ва вижагиҳои он дар адабиёти классик» унвони зерфасли сеюм мебошад. Дар доираи ин зерфасл диссертант талош кардааст, то назари кутоҳе ба таърихчаи зуҳуру густариши маснавӣ дар адаби форсӣ ироа намояд. Муаллиф дар аснои таҳқиқ ба вижагиҳои фанниву истилоҳии маснавӣ, маснависароёни номии тоҷик низ ишорат кардааст. Дар ин радиф машҳуртарин авзоне, ки дар маснавиҳои адабиёти форс-тоҷик мавриди корбурд қарор гирифтаанд, зикр гардидаанд.

Дар бахши дигари боби савум атрофи манзумаҳое изҳори назар шудааст, ки дар тули таърихи адабиёти муосир таълиф гардидаанд. Аз ҷумла, муаллиф перомуни манзумаҳои устод М. Турсунзода ва А. Лоҳутӣ сухан ронда, таъкид месозад, ки манзумаҳои эшон аксар бо риояти қавоиду низоми маснавиҳои суннатӣ суруда шудаанд.

Тибқи андешаи диссертант, таҳаввул ва дигаргунӣ дар манзумаҳои муосир ба таври махсус дар эҷодиёти М. Қаноат ба зуҳур расидааст. Ба сифтаи мисол манзумаҳои «Мавҷҳои Днепр», «Китобҳои захмин» ва «Суруши Сталинград» таҳлилу баррасӣ шудаанд. Маҳз М. Қаноат аст, ки дар манзумасароӣ ва махсусан дар корбурди қофия, танаввуъ бахшидан дар авзон дар матни як манзума даст ба ибтикор задааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ҳарчанд дар сабку шеваи М. Қаноат аносири таъсирпазирӣ дида мешавад, вале дар маҷмуъ ӯ дар нигоришу сабк мустақил аст.

Дар зерфасли охирини боби савум манзумаи «Санги ман-алмос»-и А. Ҳаким ба таври алоҳида мариди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин қисм таъкид шудааст, ки ин ягона манзумаест, ки дар эҷодиёти А. Ҳаким ҷойгоҳи мутафовит дорад. Нахуст ин ки дар даврони истиқлол иншо гардида ва шоир беш аз ҳар каси дигаре аз сабку равиши С. Сипеҳрӣ таъсирпазир аст. Ба ақидаи муҳаққиқ, дар ин манзума решаҳои тақлид хеле амиқ аст, вале чунин шевае баъдан дар эҷодиёти шоир идома надоштааст.

Хулосаи диссертатсия бо мазмуну мухтавои кор пурра робитаи мантиқӣ дошта, муаллиф тавонистааст дар банди алоҳида таҳқиқоти хешро натиҷагирӣ намояд.

Нукоте ҳам, ки ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсия гардидаанд, эътимодноканд.

Шумораи таълифоти муаллифи диссертатсия бо мавзуи кор комилан робитаи узвиву мантиқӣ доранд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия бархе камбудиву норасоиҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо, ба андешаи мо, барои боз ҳам афзудани арзиши илмии таҳқиқоти мавриди назар мусоидат менамояд. Аз ҷумла:

1. Бо назардошти ин ки масъалаи аслӣ баррасии мавзуи манзумасарой мебошад лозим аст, ки ҳар гуна шарху баёни назарӣ, истилоҳӣ дар боби аввал оварда шавад, на дар боби сеюм

2. Сарчашмаи ҳар гуна таҳаввулу дигаргунӣ ва навовариро бояд дар манзумаҳои М. Қаноат ҷустуҷӯ намуд. Мутаассифона, дар диссертатсия аз навовариву дигаргуниҳои воридкардаи М. Қаноат, бахусус дар манзумаҳои «Гаҳвораи Сино», «Ситораи Исмат», «Тоҷикистон исми ман», «Ҳамосаи дод» назари илмӣ ва инфиродии муҳаққиқ кам ба назар мерасад.

3. Таҳлилу баррасӣ роҷеъ ба манзумаҳои А. Лоҳутӣ бисёр умумиву сатҳӣ сурат гирифтааст, дар ҳоле ки навандешӣ, тозагӣ дар сабки манзумаофаринии А. Лоҳутӣ хеле барҷаста аст.

4. Дар диссертатсия таҳлили густурдаи достони «Санги ман-алмос»-и А. Ҳаким сурат гирифта бошад ҳам, муаллиф дар ин бахш бештар дидгоҳҳои ноқидону адабиётшиносонро, ки аксари онҳо бо якдигар ихтилоф доранд, ба баррасӣ гирифта, ба таҳлилу арзёбии қиёсии нуқтаи назарҳо напардохтааст. Ҳамзамон, нуқтаи назари муаллифи диссертатсия дар бораи чигунагии сохтори ҳунариву муҳтавои манзумаи мавриди назар ба дурустӣ маълум намегардад.

5. Дар диссертатсия мавҷудияти ғалату иштибоҳоти имлоиву техникӣ ҷо-ҷо ба чашм мерасанд, ки ислоҳ ва рафъи онҳо арзишу аҳамияти илмии корро боз ҳам боло мебардорад.

Ба таври умум, камбудиҳои зикргардида асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзиш ва аҳамияти илмиву амалии диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадуллоро коҳиш намедиҳанд. Мутолиаи диссертатсия баёнгари он аст, ки мақсад ва вазифаҳои дар мукаддимаи кор гузошташуда асосан иҷро гардида, мазмуну муҳтаво ва ҳаҷми он ба талаботи таълифи диссертатсияҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ́ст.

Автореферати диссертатсия ва миқдори мақолоти интишорнамудаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти

ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундаричаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдусаломзода Абдумалик Маҳмадулло «Шеъри нав ва таҳаввули анъанаи манзумасароӣ (бар мабнои манзумаҳои Нимо Юшиҷ, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроб Сипеҳрӣ ва Аскар Ҳаким)», бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ, махсусан бо бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 - Шарқшиносӣ (6D020902 - адабиёти форсӣ) мебошад.

Мукарризи расмӣ

доктори илми филология,
профессори кафедраи адабиёти
тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» **ТаҒаймуродов Р.Ҳ.**

«12» декабри соли 2022.

Маълумот барои тамос:
Суроғa: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯч. Д/халқҳо 56/22.
Тел.: (+992) 987-31-55-22.

«Имзои Р.Ҳ. ТаҒаймуродовро тасдиқ мекунам».
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» **Шукурзод Ҷ.А.**

КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғa: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3222) 2-45-20; (+992 3222) 2-22-53.
E-mail: www.btsu.tj.

«12» декабри соли 2022.